«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур,
профессор__________ Маҳмадёрзода У.М.
«___» ____________ с.2020

**Х у л о с а и**

**ҷаласаи муштараки кафедраҳои факултетҳои иқтисодӣ ва баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (протоколи №1 аз 28.03.2020)**

Ба кори диссертатсионии Аминзода Зебо Маҳмадризо дар мавзӯи «Механизмҳои ташкилию иқтисодии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар минтақаи Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ).

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур иҷро карда шудааст.

Аминзода Зебо Маҳмадризо, соли таваллуд 1980, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2001 ӯ Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемурро бо гирифтани тахассуси иқтисодчӣ хатм намуда-аст.

Аз сентябри соли 2002 то соли 2007 дар вазифаи ассистенти кафедраҳои назарияи иқтисодӣ, молия ва қарз дар комплекси агросаноатӣ ва аз соли 2007 то инҷониб дар вазифаи омӯзгори калони кафедраи молия ва қарз дар дар комплекси агросаноатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур фаъолият карда истодааст.

Солҳои 2006-2010 Аминзода Зебо Маҳмадризо дар шуъбаи ғоибонаи аспирантураи ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур таҳсил намудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Олимов Аловиддин Хайруллоевич - н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Соҳаи кишоварзӣ давраи мушкили гузаришро ба шаклҳои нави хоҷагидории бозорӣ аз сар мегузаронад. Вобаста ба хусусиятҳои нигоҳдории тамоюлоти буҳронӣ ҳолати кунунии соҳаи кишоварзӣ бо арзёбии нокифояи стратегия ва усулҳои гузаронидани ислоҳоти аграрӣ, ки боиси номуназзамии нархҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва гирифтани даромад аз соҳаи кишоварзӣ

гардидаанд. Барои зермаҷмааи ғалладонагӣ, ки соҳаи асосӣ барои таъмин намудани яке аз ҳадафҳои асосии кишвар, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат нақши калон дорад, баландшавии арзиши воситаҳои асосӣ, паст гардидани ҳосилнокии ғалладонагиҳо, аз кор рафтани кадрҳои соҳибихтисос ва дар натиҷа - талафот ва зараровар будани баъзе хоҷагиҳои деҳқонӣ хос аст.

Дар доираи татбиқи Барномаи давлатии «Таъмини амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаҳои беҳтар намудани самаранокии соҳаи кишоварзӣ ҳам дар маҷмӯъ ва ҳам дар соҳаҳои алоҳидаи он муҳимияти махсус пайдо менамоянд. Танҳо бо таъмини фаъолияти самаранок, истифодаи оқилонаи маблағҳои аз буҷети давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ равонагардида, метавон буҳронро бартараф намуд.

Баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ пеш аз ҳама бо омилҳои зиёди табиӣ, биологӣ, технологӣ ва ташкилӣ-иқтисодӣ таъмин карда мешавад. Азхудкунии технологияҳои сарфаи захираҳо, истифодабарии технологияҳои инноватсионӣ дар ҳамаи марҳилаҳо имконият медиҳад, ки афзоиши ҳосилнокии зироатҳои ғалладонагӣ бо хароҷоти камтарини меҳнатӣ, моддӣ ва молиявӣ таъмин карда шавад.

То ҳол аз тарафи олимони ватанӣ таҳқиқотҳо оид ба истеҳсоли навъҳои серҳосили ғалладонагӣ, истифодаи технологияи инноватсионӣ дар соҳа, муайянкунии андозаи хоҷагиҳои ғаллакор, ҷустуҷӯи роҳҳои самаранокии истеҳсоли ғалладонагӣ дар минтақа ва дигар муаммоҳо роҳи ҳалли худро наёфтаанд.

Дар чунин шароит ба илми иқтисод ва амалияи хоҷагидорӣ масъалаи дарёфт ва таҳияи механизмҳои ташкилию иқтисодии самаранокӣ ва таҳкими он қарор дорад, ки дар навбати худ мавзӯи интихобшудаи таҳқиқотиро муҳим гардониданд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии тадқиқоти рисолаи илмӣ дар таҳия намудани самтҳои ҷиҳати илмӣ асосноккардашудаи баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладона дар асоси механизмҳои молиявию қарзӣ ва муайян намудани роҳҳои кам кардани хароҷоти истеҳсолии ғалладона дар минтақа ба ҳисоб меравад.

Дар асоси ҳадафи гузошташуда дар рисолаи илмӣ вазифаҳои зерин ҳал карда шудаанд:

- омилҳои самаранокии истеҳсоли ғалладона дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ омӯхта шуда, ба низоми муайян дароварда шудаанд;
- асосҳои методологӣ ва нишондиҳандаҳои асосии арзёбии сатҳи самаранокии истеҳсоли ғалладона муайян карда шудаанд;
- ҳолати кунунӣ, тамоюли рушди истеҳсоли ғалладона дар

минтақа омӯхта шудаанд;

- таъсири омилҳои гуногун ба тағйирёбии самаранокии истеҳсоли ғалладона муайян карда шудаанд;

- истифодаи технологияҳои сарфакунандаи захираҳо, ки яке аз омилҳои асосии самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо мебошад, асоснок карда шудаанд;

- механизмҳои молиявию қарзии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар комплекси агросаноатии минтақа таҳия карда шудаанд;

- истеҳсоли ғалладонагиҳо дар оянда вобаста ба имконияти истеҳсолии хоҷагиҳо ва талаботи аҳолии минтақа муайян карда шудаанд.

**Объекти таҳқиқот** корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои аҳолии минтақаи Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Предмети таҳқиқот.** Маҷмӯи механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо мебошад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро** асарҳои классикони илмҳои иқтисодӣ, олимони намоёни мамлакатҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва хориҷии дур, ки дар масъалаи самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва махсусан самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо таҳқиқот гузаронидаанд, ташкил мекунад.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот.** Қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсат ва идораҳои кишоварзии ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ, таҳияҳои илмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои дар маҷаллаҳои илмӣ чопшуда, тадқиқотҳои аз тарафи муаллиф гузаронидашуда, инчунин назарсанҷиҳои гузаронидаи муаллиф ташкил мекунанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз асосноккунии муқаррароти назариявӣ ва методологии самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо, таҳияи тавсияҳои илмӣ – амалӣ оид ба таҳияи механизмҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо иборат аст:

Натиҷаҳои асосие, ки навоварии тадқиқотро муайян менамоянд, инҳоянд:

- усулҳо ва низоми нишондиҳандаҳои арзёбии ҳамаҷонибаи самаранокии истеҳсол ва фурӯши ғалладона аниқ карда шудаанд. Муаллиф самаранокиро ҳамчун категорияи маҳсулнокии истеҳсолот ва дар

мувозина қарор доштани иқтисодиёт арзёбӣ менамояд, ки дар оқилона истифода бурдани маҷмӯи тамоми захираҳо инъикос мегардад. Дар тафовут аз дигар тадқиқотҳои гузаронидашуда пешниҳод карда мешавад, ки формулаи дигаргуншавии гирифтани даромад аз замин ва нишондоди ҳосили сафеда аз як гектар масоҳати замини кишти зироатҳои ғалладона истифода бурда шавад;

- хусусиятҳо ва шароитҳои ташкили босуръати истеҳсолоти ғалладона дар ҳудуди ҳар минтақаҳои кишоварзӣ бо назардошти омилҳои табиӣ ва иқтисодӣ ошкор карда шудаанд. Барои парвариши ғалладона шароити иқлимии минтақа хеле мусоид мебошад. Аммо нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодӣ на танҳо дар минтақа, балки дар дохили онҳо низ гуногун мебошанд;

- ҳолати кунунӣ, тамоюли рушди истеҳсолот ва фурӯши ғалладона дар минтақа омӯхта шуда, ошкор карда шудаанд. Дар диссертатсия ошкор карда шудааст, ки сатҳи рушди истеҳсоли ғалла, ки асосан қобилияти давлатро ҷиҳати таъминоти озуқаворӣ муайян менамояд, ба вазъи амнияти озуқаворspringии кишвар вобастагӣ дошта, аз вобастагӣ ба кишварҳое, ки маҳсулоти хӯрокворӣ ва ашёи хомро содир мекунанд, мустақиман камтар менамояд. Ин далел хусусан ба вазъи номусоиди озуқаворӣ дар ҷаҳон ва дурнамои он дар оянда муҳим аст.

-истифодаи технологияҳои сарфакунандаи захираҳо, ки яке аз омилҳои асосии самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо мебошад, асоснок карда шудаанд. Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки истифодаи технологияи сарфакунандаи захираҳо ба минтақа имкон медиҳад, ки истеҳсоли ғалладонагиҳоро то 25-30% баланд мебардорад;

- механизмҳои иқтисодию ташкилии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар комплекси агросаноатии минтақа таҳия карда шудаанд. Қайд гардидааст, ки сатҳи дастрасии истеҳсолкунандагони ғалла ба манбаъҳои сармоягузорию қарзӣ дар сатҳи ниҳоят паст қарор дошта, механизми дастрасии онҳо ба ин захираҳо номукамал аст;

- маҷмӯи тадбирҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладона ва такмилдиҳии низоми муносибатҳо дар истеҳсоли ғалладона асоснок карда шудааст, ки бо таҳлили самаранокии иқтисодии фурӯши ғалладона ва маҳсулоти коркарди он дар мисоли хоҷагии пешрафта, низоми давлатии танзими сиёсати нархгузориҳо барои ғаладона ва технологияҳои ҳифзи захираҳо асос ёфтааст.

-дурнамои рушди соҳаи ғаллапарварӣ дар минтақаи Ҳисор барои солҳои 2020-2025 бо назардошти ҳолати ҳозира, тамоюли афзоиши ҳосилнокии ғалладонагӣ ва паст кардани арзиши аслии маҳсулот таҳия

карда шудааст, ки дар муқоиса бо корҳои то ҳол мавҷудбуда, вобаста ба сатҳи истифодаи технологияҳои каммасраф, навсозии соҳа, шароити бозор, инчунин сатҳи дастгирии давлат, бо назардошти дохил шудан ба СУС, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, рақобатпазирӣ ва сифати маҳсулот фарқ менамояд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Истифодабарии пешниҳодҳои таҳиягардида имконият медиҳанд, ки дар сатҳи баланди методологӣ мушкилот ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладона дар минтақа дар асоси баландбардории истеҳсоли маҳсулоти ғалладонагӣ ҳал карда шаванд.

Муҳимияти амалии натиҷаҳои тадқиқот дар таҳияи усулҳои методӣ барои интихоби нишондиҳандаҳо ва усулҳои арзёбии омилҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладона, ба даст овардани ҳосили баланди ғалладона ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти сокинони минтақа бо ин намуди ғизо мебошад.

Муқаррароти назариявӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти кори илмӣ дар ҷараёни таълим аз фанҳои «Иқтисодиёти кишоварзӣ», «Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ» истифода бурда мешаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбасти илмию амалии таҳқиқоти муаллиф оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро ҳангоми тавсияи пешниҳодҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар сатҳои гуногуни КАС истифода намудан мумкин аст. Баъзе аз тавсияҳоро оид ба такмили сармягузории соҳаи кишоварзӣ, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ метавон дар амалия тадбиқ кард.

**Апробатсия ва ҷорӣ намудани натиҷаи таҳқиқот.** Натиҷаҳои асосии тадқиқот ва нуқтаҳои муҳими рисолаи илмӣ дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (солҳои 2016-2020) муҳокима ва қабул гардидаанд. Ҷабҳаҳои алоҳидаи назариявӣ ва тавсияҳои методии рисолаи илмӣ дар раванди таълими фанҳои «Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ», «Иқтисодиёти кишоварзӣ» дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур мавриди истифода қарор доранд. Муаллиф аз рӯйи мавзӯи тадқиқот 7 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 3 мақола дар нашриёти аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда аз чоп баровардааст. Натиҷаҳои тадқиқот ва тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо ва таъсири он ба самаранокии иқтисодии корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ва қабул гардидаанд.

**Мақолаҳои асосии муаллиф дар робита ба мавзӯи таҳқиқот:**

**Феҳрести корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзӯи диссертатсия**

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда**

[1-М]. Аминова З.М. Роль финансового механизма в повышение эффективности сельскохозяйственного производства и критерии его оценки //Кишоварз-Душанбе, 2018. -№2 (78). -С.58-61

[2-М]. Аминова З.М. Экономическая сущность и факторы повышения эффективности сельского хозяйства //Кишоварз-Душанбе, 2019. -№1(81). -С.142-145

[3-М]. Аминова З.М. Ҳолати истеҳсоли ғалладона дар минтақаи Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон //Кишоварз-Душанбе, 2020. -№2 (87).-С.146-149

**б) дар дигар нашрияҳо:**

[4-М]. Аминова З.М. Эффективность производства зерна в дехканских хозяйствах /Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ-Душанбе, 2015.-С. 234-238

[5-М]. Аминова З.М. Усулҳои муайян намудани самаранокии истеҳсолот ва фурӯши ғалладона /Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: «Истифодаи самараноки омилҳои биоқлимӣ дар парвариши зироатҳои кишоварзӣ-Душанбе, 2018. -С. 292-295

[6-М]. Аминова З.М. Нақши механизми молиявӣ дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ /Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи: «Муаммоҳои асосии муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ дар шароити тараққиёти иқтисодиёти инноватсонӣ»-Душанбе, 2018. -С.70-76

[7-М]. Аминова З.М. Баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли галла ва омилҳои он дар ҷумҳурӣ /Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: «Баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳолат, дурнамо ва муаммоҳои он» -Душанбе, 2019. С. 189-194

## Хулоса

1. Кори диссертатсионии Аминзода Зебо Маҳмадризо дар мавзӯи «Механизмҳои ташкилию иқтисодии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар минтақаи Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 –Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ), вобаста ба таркиби кори илмӣ ва самти ихтисос дар таҳрири зерин: “Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар минтақаи Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон” номгузорӣ карда шавад.

2. Кори диссертатсионии Аминзода Зебо Маҳмадризо дар мавзуи «Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли ғалладонагиҳо дар минтақаи Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба муҳокимаи ошкоро пешниҳод карда шавад.

Раис, декани факултети иқтисодӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Мирзоев Б.

Котиб, мудири кафедраи молия ва қарз дар КАС, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Бобоев А.А.

Личную подпись тов. Мирзоев Б. Бобоев А.А.
Заверяю, н-к отд. кад

ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР
ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ ШИРИНШО ШОТЕМУР
ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДРҲО
ОТДЕЛ ПРАВОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ И КАДРОВ